**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна, дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ.**

Рисолаи илмии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна, ба омӯзиши саводнокии донишҷӯёни равияи таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олиии касбӣ бахшида шудааст. Мақсади таҳқиқоти илмӣ ин ошкор ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври озмоишӣ санҷидани шароитҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ мебошад.

Хусусияти нигоҳи нав ба ҳалли масъалаҳои тайёр кардани омӯзгорони оянда дар соҳаҳои таърих, сарфи назар аз таваҷҷуҳи доимии олимон ба ҷанбаҳои гуногуни омодагии касбии мутахассисон, асос дорем, чунин ҳисоб кунем, ки дар назария ва амалияи таҳсилоти олии касбӣ маъалаҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки то ҳанӯз мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор нагирифтаанд ва мо метавонем, омӯзиши масъалаи мазмуну муҳтавои назария ва методикаи таҳсилоти касбии таърихиро дар контексти парадигмаҳои нави таълимию маърифатӣ номбар кунем. Омӯзиш ва таҳлили монографии адабиёти психологию педагогӣ, нашрияҳои ҷанбаи назариявӣ ва методӣ дошта, мақолаҳои гуногун дар саҳифаҳои маҷаллаҳо нишон медиҳанд, ки масъалаҳои ТИК ба таълим бахшида шуда, ҳамчун самти муҳимми сифати таҳсилот, асосан, нисбат ба таҳсилоти умумӣ ва камтар нисбат ба таҳсилоти олӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар айни ҳол ҷанбаҳои консептуалию назариявии ин масъала таҳия карда шудааст, дар сурате ки асосҳои илмию методӣ ва таълимию методии истифодаи ТИК дар соҳаҳои мушаххас хеле кам ба назар мерасад.

Ба сифати миқёсӣ натиҷаи таҳқиқотии дар автореферат овардадашуда, гуфтаҳои зеринро метавон пайдо кард: кушодани моҳият, мазмуну муҳтаво

ва сохтори омодагии омӯзгорони оянда фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ; муайян ва асоснок кардани самтҳои асосии истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии омӯзгорони фанни таърих; муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври озмоишӣ санҷидани шароитҳои педагогии омӯзгорони оянда фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияити касбӣ; муайян кардани унсурҳо ва нишондиҳандаҳои омода будани омӯзгорони оянда фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК ва арзёбии сифатии сатҳи самаранокии он.

Ҳамаи гуфтаҳо далели он аст, ки рисолаи илмии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна, кори ба анҷомрасидаи коркардӣ, нуктаҳои назариявӣ ва амалӣ аст, ки дар умум метавон ҳамчун маҷмӯи муайяни илмии ҷамъбаст гардида, яъне ташаккулдиҳии саводнокии донишҷӯёни равияи таърих тавассути фаъолияти ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Натиҷаҳои ба дастомадаи рисолаи илмӣ, бешубҳа дорои навгонӣ ва замимаи муҳим барои амалия, эътимоднокии додаҳои пешниҳодшуда набояд боиси шубҳа гардад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар 11 номгӯи интишорот инъикос ёфтааст, ки аз онҳо 5 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявии илмӣ ташкил додаанд.

Дар автореферат таҳқиқоти пешниҳодшуда пурра дар ҳаҷми зиёд оварда шудааст ва бешубҳа маълумотнокии муаллифро дар соҳаи додашуда тасдиқ менамояд.

Боварӣ дорам, ки таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна, дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони оянда фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267

ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти
иттилоотии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавлоназаров
Силмон Силтоназарович

12-уми апрели соли 2024

Суроға: 734003, ҶТ, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
АИДНПҶТ, Тел: (+992) 000-09-33-38.
E-mail: silmon@mail.ru

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.